«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Насриддинзода Э. С.
________________
«__» ________ соли 2025

## ХУЛОСАИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом** соли 2003 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷураевро (ҳоло ба номи С. Айнӣ) аз рӯйи ихтисоси маълумоти филологӣ (забони фаронсавӣ) хатм карда, аз соли 2004 то соли 2014 ба ҳайси ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии забонҳои олмонӣ ва фаронсавӣ, аз соли 2014 то ба имрӯз бошад ба ҳайси муаллими калони кафедраи мазкур фаъолият дорад.

Роҳбари илмии Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом доктори илми филология **Тураҳасанов Қодирқул Шодиқулович** мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои илмии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 31.10. 2023, қарори №2 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Сафарзода Одинамуҳаммад Ислом 27-уми январи соли 2025, № 5 маълумотномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз баррасии диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Истилоҳ, истилоҳшиносӣ, меъёрҳои интихоби истилоҳ дар забоншиносии муосири тоҷик, рус ва аврупоӣ яке аз масоили баҳсталаб ба шумор меравад. Доир ба масъалаи истилоҳоти гуногун дар забоншиносии ватаниву хориҷӣ таҳқиқоти зиёде шуда бошанд ҳам, вале доир ба истилоҳоти соҳаи дорусозӣ таҳқиқоти алоҳида ба миён наомадааст. Бо дарназардошти масъалаи мазкур диссертант ба мавзуъҳои гуногуни забоншиносиву истилоҳшиносӣ, таърихи пайдоиши истилоҳот, назарияҳои навини истилоҳшиносӣ дар забоншиносии муосири тоҷикӣ ва фаронсавӣ, шарҳу тавзеҳи истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои мазкур, таснифоти мавзуии истилоҳоти дорусозӣ, таҳлилу баррасии истилоҳоти дорусозӣ аз нигоҳи мансубияти забонӣ дахл намуда, онҳоро ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Илова бар ин, истилоҳоти иқтибосии дорусозии лотинӣ, юнонӣ, арабӣ, олмонӣ, англисӣ, ҳиндӣ, русӣ ва дигар забонҳоро дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҷойгоҳи

онҳоро дар ғановатмандсозии захираи луғавии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ муайян намудааст.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар **шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ** нишон дода шудаанд, комилан **мувофиқат мекунад**. Муҳтавои диссертатсия ва натиҷаҳо он ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи ногусастанӣ доранд.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» , ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, **мутобиқат намуда**, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи забоншиносии тоҷик, забоншиносии ҷаҳон, истилоҳшиносӣ ва таърихи пайдоиши истилоҳ метавон такя кард.

Муаллифи диссертатсия ба шакли муфассал истилоҳоти дорусозиро дар забонҳои тоҷикию фаронсавӣ **мақсади аслии таҳқиқ** қарор додааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ чунин **вазифаҳо** гузоштааст:

- дар асоси донишҳои назариявӣ маълум ва равшан намудани мафҳуми илмии истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ;
- дақиқу равшан намудани таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушду инкишофи истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои мавриди муқоиса;
- муайян намудани заминаҳои пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ;
- дар заминаи омӯзиши луғатномаҳо муайян намудани нақши онҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ;
- дақиқу равшан намудани ҷойгоҳи истилоҳоти иқтибосии дорусозӣ дар пешрафти низоми истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ;
- маълум намудани роҳу усулҳои истилоҳсозӣ бо шеваҳои навини сохтани истилоҳоти сохта, мураккаб ва ибора – истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ;
- муайян намудани нақши истилоҳоти иқтибосии лотинӣ, арабӣ, юнонӣ, англисӣ, фаронсавӣ, ҳиндӣ, русӣ дар забони тоҷикӣ ва истилоҳоти иқтибосии лотинӣ, юнонӣ, англисӣ, олмонӣ дар забони фаронсавӣ дар низоми истилоҳоти дорусозӣ;

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои таҳқиқ** баъзе аз осори тиббии тоҷикӣ, луғатномаҳо ва фарҳангномаҳо аз қабили луғатҳои дорусозии русӣ-лотинӣ, русӣ-фаронсавӣ, фаронсавӣ-лотинӣ, фаронсавӣ-русӣ, русӣ-фаронсавӣ-англисӣ ва луғати лотинӣ-русӣ-тоҷикии истилоҳоти тиббии дорусозӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудаанд. Илова бар ин, дар баъзе ҳолатҳо барои муқоиса аз истилоҳоти дорусозии «Фарҳанги тиббӣ» (русӣ-тоҷикӣ-лотинӣ)-и М.Я.Расулов, «Фарҳанги форсӣ-русӣ», «Фарҳанги русӣ-форсӣ», ки сарчашмаҳои онҳо низ осори тиббии тоҷикӣ мебошанд, истифода шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар чараёни баррасии масъалахои ба мавзуи тахкик рабтдошта аз асархои илмии забоншиносону мухаккикони ватанию хоричӣ ва осори пажӯхишии марбут ба истилох ва истилохсозӣ самаранок истифода намудааст.

**Асосхои назарӣ ва методологии** диссертатсияро шумораи зиёди таълифоти пурарзиши илмии мухаккикони точик, рус, эронӣ, афғонӣ ва фаронсавӣ, аз кабили маколаву рисолахои забоншиносони точик М. Шакурӣ, Р. Ғаффоров, А. Турсунов, М. Н. Косимова, С. Сулаймонов, С. Назарзода, М. Ҳ. Султон, А. Байзоев, Қ. Ш. Тӯрахасанов, А. Юсупов, Ш. Ҳаитова, П. Нуров, Т. А. Назаров; дар забоншиносии рус: Д. С. Лотте, В. П. Даниленко, В. М. Лейчик, А. А. Реформатский, Б. Н. Головин, А. А. Суперанская, В. В. Виноградов, Г. О. Винокур, С. Д. Шеллов, А. Д. Хаютин, Н. А. Слюсарева; дар забоншиносии Фаронса: Г. А. Абрамова, Р. Е. Березникова, О. В. Величко, Д. И. Гончаров, Н. И. Баришникова, И. Е. Зайтсева, М. Б. Мусохранова, А. П. Машковский, Н. Л. Носова; дар забоншиносии Эрон: Ҳ. Одил, Р. Содикӣ, Р. Ботинӣ, Х. Фаршедвард; дар забоншиносии Афғонистон: Рахими Илхом, Мир Абдулвохид, Саидалишо Рустоёр ва Ҳусайни Нойил; дар забоншиносии фаронсавӣ: Гринаф, Китрич, Ж. Лазар ва дигарон ташкил додааст.

**Навгонии илмии тахкик** дар он зохир меёбад, ки диссертатсияи мавриди назар аввалин пажӯхиши мукаммал дар мавзуи истилохоти дорусозӣ дар забонхои точикиву фаронсавӣ ва пахлухои мухталифи он, аз нигохи маъноӣ, сохторӣ, таърихи пайдоиш, заминахо, мархилахои ташаккули он, накши луғатномахо ва фархангномахо дар ташаккули истилохоти дорусозӣ, накши истилохоти дорусозии иктибосии лотинӣ, арабӣ, юнонӣ, англисӣ, олмонӣ, русӣ дар забонхои точикиву фаронсавӣ ва меъёрхои интихоби истилохоти дорусозӣ дар забонхои мавриди тахкик мебошад.

Диссертатсияи номзадии Сафарзода Одинамухаммад Ислом дар мавзуи «Тахлили сохторию маъноии истилохоти дорусозӣ дар забонхои точикӣ ва фаронсавӣ» аз чанд чихат ахаммияти вижа дошта, **арзиши назарӣ ва амалиаш** дар он зохир меёбад, ки бо омӯзиши назарияхои навини истилох, истилохшиносӣ, заминахо ва мархилахои ташаккули он, хусусиятхои сохторӣ ва маъноии истилохоти дорусозӣ дар забонхои точикӣ ва фаронсавӣ, накши истилохоти иктибосии дорусозӣ дар забонхои гуногунсохтор дар мисоли забонхои точикиву фаронсавӣ метавонад хамчун маводи назарӣ хидмат намояд.

Маводи диссертатсия ва хулосахои он, ки хангоми пажухиши амик ба даст оварда шуд, метавонад ба хайси маводи таълимӣ дар донишгоххои тиббӣ ва факултетхои дорусозӣ барои донишчӯён таълим дода шавад, ки аз ахаммияти амалӣ орӣ нахохад буд.

Мухтавои тахкик ва мундаричаи асосии диссертатсияи Сафарзода Одинамухаммад Ислом дар 6 маколаи муаллиф инъикос ёфта, теъдод ва

муҳтавои онҳо ба талаботи таълифи автореферату диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда нашршуда ба мавзуъ иртиботи бевосита дошта, муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

## РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Таълифот дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Сафаров, О.И. Ташаккули низоми истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ [Матн] / О.И. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 2. – С. 75-81.

[2-М]. Сафаров, О.И., Тӯраҳасанов, Қ.Ш. Нақши луғатномаҳо дар ташаккули истилоҳоти дорусозӣ [Матн] / О.И. Сафаров, Қ.Ш. Тӯраҳасанов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 7. – С. 16-21.

[3-М]. Сафаров, О.И. Меъёрҳои батанзимдарории истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ [Матн] / О.И. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 8. – С. 49-53.

[4-М]. Сафаров, О.И. Баъзе мушкилот дар истилоҳоти дорусозӣ [Матн] / О.И. Сафаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 1. – С. 87-91.

### II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[5-М]. Сафаров, О.И. Дараҷаи омӯзиши истилоҳоти дорусозӣ дар илми забоншиносии тоҷик [Матн] / О.И. Сафаров // Маводи конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Истилоҳоти хориҷӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва туризм» (Душанбе: ДМТ, 23.05.2020). – Душанбе, 2020. – С. 92-96.

[6-М]. Сафаров, О.И. Ҷойгоҳи забони лотинӣ дар истилоҳоти тиббӣ [Матн] / О.И. Сафаров // Маводи конференсияи илмию назариявии донишгоҳӣ дар мавзуи «Усулҳои муосири таълими забонҳои хориҷӣ дар муассисаҳои таълимоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе: ДМТ, 12.05.2023). – Душанбе, 2023. – С. 21-24.

Таҳқиқ ва омӯзиши истилоҳоти тиббӣ, аз ҷумла, истилоҳоти тиббии дорусозии забонҳои тоҷикиву фаронсавӣ барои рушди забоншиносӣ мусоидат менамояд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла, адабиётшиносӣ, таърих, фалсафа, тандурустӣ, рӯзноманигорӣ ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст**.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Саҳми шахсии довталаб, пеш аз ҳама дар ҷамъоварии маводи баррасишаванда, омодаву таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқ, таҳлилу баррасии масоили асосии мавзуи таҳқиқ ва ҷамъовариву коркарду батанзимдарории сарчашмаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

Кафедраи забонҳои хориҷии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи Сафарзода Одинамуҳаммад Исломро дар мавзуи **«Таҳлили сохторию маъноии истилоҳоти дорусозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраи забонҳои хориҷии факултети Осиё ва Аврупо, кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 7 аз 01.03.2025.

Мудири кафедраи забонҳои хориҷии
факултети забонҳои Осиё ва Аврупо
номзади илмҳои филология, дотсент — Маҳмадов Ҷ. Ш.

Мудири кафедраи таърихи
забон ва типология, номзади
илмҳои филология, дотсент — Камолзода Х. М.

Котиби илмӣ,
номзади илми филология, дотсент — Маҳмудов Д. О.

Имзоҳои Маҳмадов Ҷ.Ш., Камолзода Х.М. ва Маҳмудов Д.О.- ро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj